Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Солҳои охир яке аз мушкилоте, ки имрӯз тамоми ҷомеаи муосирро фаро гирифтааст, ин хавфу хатарҳои ҳамлаҳои киберӣ ба амнияти миллӣ маҳсуб меёбад. Рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, махсусан шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ ба зеҳну тафаккури мардум, таъсири бештар мерасонанд. Зеро киберҷинояткор дар раванди фаъолияти таблиғотии худ аз иқтидори шабакаҳои иҷтимоӣ ва порталҳои видеоии интернетӣ ба таври васеъ истифода менамоянд. Дар ин замина, бояд қайд намуд, ки киберҷиноятҳо, ки бо истифодаи воситаҳои гуногуни техникӣ, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла, интернет, содир карда мешаванд, ки дар Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаслҳо, бобҳо ва моддаҳои гуногун муқаррар гардидаанд.

Ҷомеаи муосирро ҷомеаи иттилоотӣ меноманд, ки дар он иттилоот мавқеи баландро соҳиб аст. Муаллиф ба маврид зикр менамояд, ки аз як тараф, бунёди ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ барои инкишофи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, дастрасии иттилоот, амалӣ гардидани ҳуқуқи инсон ба иттилоот, ба захираҳои иттилоотӣ, фаъолияти ҳукумати электронӣ, хизмати иттилоотӣ, рушди алоқа, таъмини сифати таҳсилот ва ғайра аҳаммият дорад. Аз тарафи дигар, бо

баробари инкишофи технологияҳои иттилоотӣ ҷомеаи муосир бо хатарҳо ва таҳдидҳои иттилоотӣ, аз қабили ҷанги иттилоотӣ (таъсиррасонии мақсадноки иттилоотии идеологӣ ва психологӣ ба шуури фаъолияти одамон бо мақсади тағйири сохти конститутсионӣ ва ғайра), киберҷиноятҳо, ҳамлаҳои киберӣ ба системаҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ воситаи содиршавии киберҷиноятҳо дучор гардид.

Натиҷаи таҳлилу баррасӣ ва омузиши автореферати диссертатсияи Давлатзода Компрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» нишон дод, ки дар шароити кунунии рушди давлатдории миллӣ ва бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд он ба яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шудааст, зеро дар ҷаҳон равишҳои умумӣ ба таърифи мафҳум ва намудҳои киберҷиноятҳо вуҷуд надошта, ҳолати мазкур ба таври объективӣ ба мураккабии омӯзиши ин кирдори барои ҷамъият хавфнок бо институтҳои маъмулӣ ҳуқуқи ҷиноятӣ оварда мерасонд.

Зимнан бояд эътироф намуд, ки муаллиф дар асоси истифодаи сарчашмаҳои нодир ва боэътимоди назариявӣ ва амалӣ, андешаву назари олимони ватанию хориҷӣ, доктринаҳои муосири илмӣ дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо, омузишу таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалию миллӣ ва таҳлили тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, як таҳқиқоти маҷмуии фарогир, судманд (арзишманд) ва комилро анҷом додааст.

Муаллиф собит намудааст, ки киберҷиноятҳо – маҷмуи ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои барномавӣ-техникӣ ва ТИК дар фазои маҷозӣ бо мақсади ғайриқонунӣ ба даст овардан, тағйир додани иттилоот, несту нобуд ё бекор кардани системаҳо ва захираҳои иттилоотӣ нигаронидашуда, ҷиҳати расонидани зарар ба ҳуқуқу

озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ё муносибатҳои молу мулкӣ равона карда шудаанд.

Муаллиф дар муқаддимаи таҳқиқот доир ба муҳиммияти мавзуи мавриди назар, дараҷаи илмии омузиши мавзуъ маълумот додааст.

Аз мазмуни автореферат чунин бармеояд, ки муаллифи рисола нақшаи корро илман асоснок ва мантиқан дуруст тарҳрезӣ намуда, тибқи он таҳқиқоти илмиро анҷом додааст. Рисола аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, панҷ боб, понздаҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст.

Дар боби якуми диссертатсия «Проблемаҳои назариявии муқовимат бо киберҷиноятҳо», масъалаҳои таҳаввулоти вирусҳои компютерӣ ҳамчун омили асосии ташаккули киберҷиноятҳо, мафҳуми киберҷиноятҳо ва таснифи киберҷиноятҳо мавриди омӯзиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии муқовимат бо киберҷиноятҳо дар сатҳи байналмилалӣ» ном дошта, масъалаҳои ҳамкории байналмилалӣ дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо, ҷавобгарӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ва давлатҳои пасошӯравӣ, тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки солҳои охир заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳамкории давлатҳо дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо дар сатҳи байналмилалӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ фаъолона инкишоф меёбад. Дар баробари ин, дар миқёси ҷаҳонӣ то ҳол механизми ягонаи ҳуқуқии ҷиноятии муқовимат бо киберҷиноятҳо дар сатҳи байналмилалӣ вуҷуд надошта, дар ин самт истилоҳоти ягона таҳия нашудааст, ки ин омил ҳамкории давлатҳоро дар ин дараҷа мушкил месозад.

Боби сеюм таҳқиқоти диссертатсионӣ «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони

онҳо» ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти илмӣ диссертант иброз менамояд, ки объекти умумии ин ҷиноятҳоро муносибатҳои ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ фаро мегирад. Аз ин лиҳоз, муносибатҳои ҷамъиятие, ки барномаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DoS ба онҳо зарар мерасонанд, барои ҷомеа махсусан муҳиманд, ҳимояи онҳо бояд бо чораҳои муассиртарин ва самарабахш амалӣ карда шавад.

Боби чорум «Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ҷиноятҳои бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содиршаванда» ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Муаллиф дар натиҷаи таҳлили адабиётҳои соҳавӣ ба хулосае, меояд, ки ба сифати объекти ҷиноятҳои бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содиршаванда метавонад ҳам муносибатҳои ҷамъиятӣ (масалан, дар соҳаи мубодилаи амнияти иттилооти компютерӣ) ва ҳам шахс, манфиатҳои гуногуни шахсӣ ва иҷтимоӣ (ҳаёт, саломатӣ, мукотибот, андеша ва мулоҳизаҳои шахсӣ ва дигар арзишҳои моддӣ ва ғайримоддӣ), инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби қонун ҳифз карда мешаванд, баромад менамоянд.

Боби панҷуми таҳқиқоти диссертатсионӣ «Таҳқиқи криминологии киберҷиноятҳо» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Муҳаққиқ иброз менамояд, ки пешгирии бомуваффақияти ҷиноятҳо танҳо дар он ҳолат имконпазир аст, ки ба шахсияти ҷинояткор диққати махсус дода шавад. Зеро чунин категория, ба монанди шахсияти ҷинояткор яке аз масъалаҳои асосӣ ва муҳимми ҳамаи механизми рафтори ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Дар умум, ба муаллиф имкон даст додааст, ки дар асоси истифодаи адабиёт ва сарчашмаҳои фаровони илмӣ, сиёсиву ҳуқуқии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, доктринаҳои муосири илмӣ, дастрасӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маърузаву баромадҳо ва Паёмҳои Пешвои муаззами миллат, инчунин

таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи пешқадами кишварҳои дунё дар самти робитаи давлат ва шахс муҳтавои мазкурро ҳамаҷониба баррасӣ намуда, хулосаву тавсияҳои асосноки назариявӣ пешниҳод намояд.

Таҳқиқоти мазкур аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, мавзуи интихобшуда, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили баррасишаванда муфид арзёбӣ мегардад.

Таклифу пешниҳод, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва хулосаҳои муҳаққиқ илман асоснок ва арзишманд баҳогузорӣ мешаванд.

Ҳамзамон, дар автореферати диссертатсия нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ ҷой доранд аз ҷумла, дар нуктаи дуюми илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, муаллиф менависад, ки бо дарназардошти он ки инсоният дар ибтидои асри XXI ба таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонии иттилоотӣ дучор омад, таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ аз ҷумлаи вазифаи мубрами давлати муосир ба ҳисоб рафта таҳдидҳои имрӯзаи иттилоотӣ (ҳамлаҳои киберӣ, воридшавии ғайриқонунӣ ба системаҳои иттилоотӣ, паҳн намудани барномаҳои зараровар ва вирусҳои компютерӣ) ба амнияти миллии давлат зарари ҷиддӣ мерасонанд. Аз мазмуни пешниҳод маълум мегардад, диссертант таҳаввулоти киберҷиноятҳо таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллии давлат шарҳ дода, аммо ба роҳҳои таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ диққати бештар зоҳир накардааст.

Албатта эроди ишорашуда дар умум хусусияти тавсиявӣ дошта ба ҳеҷ ваҷҳ мазмуну моҳият ва эътибори баланди таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Ҳамин тавр, автореферати рисолаи доктории Давлатзода Комрон Давлат фарогири пурраи муҳтавои диссертатсия буда, дар он масъалаҳои гузошташуда аз лиҳози илмӣ пайдарпай баррасӣ гардида, мантиқан ҳаллу фасл шудаанд ва сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва

криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Комрон Давлат дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» як кори мустақили бунёдӣ буда, комилан ба талаботи бандҳои 31-35, 71-72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**профессори кафедраи ҳуқуқи**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва**
**соҳибкории Тоҷикистон**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Меликов У.А.**

**Имзои У.А. Меликовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н.**

«18» 05 2024 с.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва**
**соҳибкории Тоҷикистон**
**734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Борбад 48/5**
**Тел.: +992(37) 234-88-02; +992(37) 234-88-24; 555551494**
**E-mail: info@iutet.tj**
**www: www.iutet.tj**